*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА- 004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, маҳалаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии №8, синф. 102)*

**ТАҚРИЗ**

***ба автореферати диссертатсияи Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович дар мавзуи "Асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050601 – Назарияи иқтисодӣ.***

Дар шароити тағйирёбии рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсионӣ, таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти бениҳоят махсус пайдо мекунад. Чунки маҷмуи масъалаҳое, ки дар иқтисодиёти имрӯзаи Тоҷикистон вуҷуд доранд танҳо ба воситаи қувваи кории баландихтисос ва нисбат ба фаъолияти кории муносибати креативӣ дошта ҳал шуда метавонад. Мавриди қайд аст, ин бобат тамоми адабиёте, ки берун аз қаламрави Тоҷикистон ба табъ расида буд, азхуд кардааст. Сухан дар бораи адабиёте, меравад ки ба ғайр аз қобилияти ҷисмонию фикронӣ дошта боз тавонад, нисбат ба объекти меҳнаташ эҷодкорона муносибат кунад, яъне аз илмӣ замонавӣ доир ба ихтисосаш хабардор бошад.

Автореферати диссертатсия тибқи талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст. Мақсад, вазифа, объект ва предмети таҳқиқоти диссертатсия дуруст интихоб гардида, вобаста ба самти мавзуи таҳқиқотшаванда тартиб дода шудаанд.

Муболиға нест, ки мавзуи мазкур бори аввал аз тарафи докторанти фалсафа (PhD) Азимов Н.Ҳ., пешниҳод карда шудааст ва аз назари натиҷагирӣ, хусусияти аслӣ дорад. Натиҷаҳои таҳқиқот, метавонад ба сохторҳои зарурии давлатӣ ҷамъиятӣ пешниҳод карда шавад, то онҳо дар рафтори худ кӯшиш ба харҷ намоянд, ки синфи сифатан нави коргару деҳқонро, инчунин, мутахассисонро тарбия карда ба камолот расонанд, ки муносибати он ба беҳбудии истеҳсолот ва умуман иқтисод аз назари сафарбар намудани захираҳои навтарине бошад, ки сар то сари ҷаҳони навин талаб мекунад.

Автореферати диссертатсияи мазкур ба яке аз масоили мубрам бахшида шуда фарогири масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад. Инчунин, пураҳамиятии мавзуи мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар асоси лоиҳа

ва барномаҳои афзалиятноки илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ ба монанди “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, “Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, “Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2040”, ки фарогири панҷ самти калидии сиёсати миллӣ дар соҳаи шуғл ва ҳифзи иҷтимоӣ: васеъ намудани доираи шуғли пурмаҳсул, донишу малака, технология ва имкониятҳои шуғли пурмаҳсул, рушди соҳибкорӣ ва ташкили ҷойҳои кории пурмаҳсул мебошад, таҳия гардидааст (саҳ.6).

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз нигоҳи назариявӣ асоснок карда шуда барои ташаккул ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат, метавонад мавриди истифода қарор дода шавад. Дар автореферати диссертатсия хусусиятҳо ва масоили ташаккулёбии ИКҚК дар сатҳи муносибатҳои меҳнатӣ ошкор гардида авомили он мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Чуноне, муаллиф аз таҳлили ҷадвали 1, ба хулосае омадааст, ки солҳои охир сарфи назар аз суръати афзоиши табиии аҳолӣ дар мамлакат, балки таъсири шумораи ками донишҷӯёни МТОК ва МТМК ба назар расида метавонад, ба коҳиш ёфтани захираи ИКҚК дар бозори меҳнат вобаста аз шумораи умумии аҳолии машғул дар иқтисодиёт расонад (саҳ.16).

Автореферати диссертатсияи мазкур бо забони илмӣ фаҳмо навишта шудааст, ки масоили бисёр муҳими авомили демографӣ-иҷтимоӣ ва иқтисодии замони кунуниро дар бар мегирад, лекин барои бозҳам хубтару беҳтар гардидани сифати он як қатор тавсияҳо дорем:

1. Хуб мешуд таҷрибаи хориҷӣ омӯхта шуда хулоса ва тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба ташаккулёбӣ ва рушди ИКҚК дар сатҳи иқтисодиёти Тоҷикистон пешниҳод мегардид.

2. Дар автореферати диссертатсия муаллиф оид ба танзими давлатии меҳнати интеллектуалии муҳоҷирон ва таъсири онҳо ба ташаккул ва рушди ИКҚК дар сатҳи ҷумҳурӣ таъкид кардааст, аммо дар қисмати таҳлили кори илмӣ нишондиҳандаи мазкур тавассути диаграмма ё ҷадвал оварда нашудааст.

Дар умум, норасоиҳое, ки мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд, хусусияти тавсиявӣ дошта, ба сифати автореферати тақризшаванда таъсири манфӣ расонида наметавонанд ва ин норасоиҳоро муаллиф метавонад, ҷиҳати таҳқиқи амиқи масъалаи баррасишаванда дар пажӯҳишҳои минбаъда ба инобат гирад. Автореферати диссертатсияи мазкур кори илмии мустақилона анҷомёфта баҳисоб рафта дорои навгонӣ ва пешниҳоду хулосаҳои муҳим мебошад, ки дар оянда барои ташаккулёбӣ ва рушди ИКҚК ва рақобатпазирии

он дар бозори меҳнат метавонад мусоидат намояд. Маводҳои нашр намудаи диссертант фарогири мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсия мебошад.

Автореферати диссертатсия Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович дар мавзуи "Асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050601 – Назарияи иқтисодӣ, анҷомёфта буда, аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ-илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст. Бинобар ин арзанда аст, ки ба муаллиф он Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050601 – Назарияи иқтисодӣ дода шавад.

**Муқарриз:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти**
**кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи**
**давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон** **Сафаров Б.Г.**

**Суроға:** 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14,
Телефон: (+992) 985000515 E-mail:
bahrom_1975@list.ru

**Имзои д.и.и., дотсент Сафаров Б.Г.-ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси ДДМИТ** **Мирҷамолов М.А.**

"20" 02 2026с